# ФАРМОИШИ
# РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «01» 06 соли 2026 №201/уи ш. Душанбе

Дар бораи рад кардани додани унвони илмии
дотсент ба Зикирзода Ҳобил

Мутобиқи сархати ҳаждаҳуми банди 9 ва сархатҳои чорум ва даҳуми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270 ва бандҳои 33, 34, сархати дуюми банди 38 ва банди 40 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ф а р м о и ш  м е д и ҳ а м:

1. Дархости Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 20 феврали соли 2026, №02-07/58 «Дар бораи ба Зикирзода Ҳобил додани унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси «Фалсафа» бинобар риоя нагардидани талаботи сархатҳои сеюм ва чоруми банди 10 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) рад карда шавад.

2. Пешниҳоди такрории парвандаи аттестатсионии Зикирзода Ҳобил пас аз 1 (як) сол аз санаи ба тавсиб расидани фармоиши мазкур амалӣ карда шавад.

3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ (Ҳокимхон Ализода) дар мухлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионӣ ҷойгир намояд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2026, №6

Раис Сайфиддин Давлатзо

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
...А БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ